# АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734003, шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир-33, тел./факс: (99237) 2211249; 2248981; 2240274
Сомона: www.ahd.tj, почтаи электронӣ: info06-@ahd.tj

**№ 04-2037 аз «8» ноябри соли 2023**

**Ба №________ аз «___» __________ соли 20**

Мақомоти давлатӣ
(тибқи руйхат)

Мавзуъ: Дар бораи баррасии лоиҳаи Дастурамали сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Бо арзи эҳтиром иттилоъ медиҳем, ки аз ҷониби Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатӣ «Дар бораи Дастурамали сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва лоиҳаи Дастурамали мазкур (дар таҳрири нав) таҳия карда шудааст.

Лоиҳаи мазкур мувофиқи қисми 5 моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои баррасӣ пешниҳод карда шуда, хоҳишмандем таклифу пешниҳодҳои худро дар муҳлатҳои муқарраргардида ба Агентии хизмати давлатӣ пешниҳод намоед.

Замима: Матни тоҷикии лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатӣ «Дар бораи Дастурамали сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва асосноккунии он дар 7 варақ.

Бо эҳтиром,
директори Агентӣ — Давлатов Ҷ.М.

Иҷрокунанда: Файзализод А.Ф.
Телефон: 224-47-36

ЛОИҲА

**АГЕНТИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

аз «___» ___________ соли 2023 № шаҳри Душанбе

Дар бораи Дастурамали сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мувофиқи сархати сенздаҳуми моддаи 1, сархати понздаҳуми қисми 2 модаи 8, қисми 4 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва банди 12 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо тағйиру иловаҳо аз 13 майи соли 2022, №384), ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2014, №179 тасдиқ карда шудааст, бо мақсади таъмини мувофиқат ба мансабҳои давлатии хизмати давлатии маъмурӣ ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, таъин ба мансабҳои дигар (пасттар, баробар ва баландтар)-и хизмати давлатӣ Ф А Р М О Н  М Е Д И Ҳ А М:

1.Дастурамали сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шаванд (замима карда мешавад).

2.Аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худиидоракунии шаҳрак ва деҳот зимни таҳия ва тасдиқи дастурамалҳои мансабӣ ва таъин (интихоб)-и хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи Дастурамали мазкур ба инобат гирифта шавад.

3.Фармоиши мазкур ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шуда, баъди бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

4.Фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2011, №153 «Дар бораи тасдиқи Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 сентябри соли 2011, №436 «а» ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

Директори Агентӣ Давлатов Ҷ.М.

081123

ЛОИҲА

Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз______ соли_______ №_____ба қайди давлатӣ гирифта шудааст

Бо фармоиши директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ______ __________соли 2023 №_____тасдиқ карда шудааст

# ДАСТУРАМАЛИ САТҲИ ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.Дастурамали сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Дастурамал) меъёрҳои интихоб ва ҷобаҷогузории хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои таъин (интихоб) ба мансабҳои холии хизмати давлатӣ муқаррар менамояд.

2.Ба талаботи умумии тахассусӣ, ки ба шахсони довталаби мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ пешниҳод мегарданд, тибқи талаботи қонунгузории хизмати давлатӣ дохил мешаванд:

-таҳсилоти олии касбӣ ё миёнаи касбӣ бо назардошти ихтисос ва категорияи мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ;

-адои хизмати ҳарбӣ барои ишғоли мансабҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст;

-собиқаи умумӣ ва таҷрибаи кор аз рӯйи ихтисос;

-собиқаи хизмати давлатӣ;

-донистани забони давлатӣ;

-донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки иҷрои уҳдадориҳои мансабии хизматчии давлатиро ба танзим медароранд.

3.Қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд нисбат ба довталабони мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ талаботи дигари умумии тахассусӣ муқаррар намоянд.

4.Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии хизмати давлатӣ сатҳи талаботи тахассусӣ, ки Дастурамали мазкур ва бо назардошти хусусиятҳои соҳа дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд, ҳатмӣ мебошанд.

5.Талаботи Дастурамали мазкур барои таъин (интихоб)-и хизматчиёни давлатӣ ба мансабҳои маъмурии хизмати давлатии мақомоти марказии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки дар Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо фармони Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ карда шудааст) нишон дода шудаанд, татбиқ карда мешавад.

6.Дастурамали мазкур нисбат ба довталабони мансабҳои маъмурии хизмати давлатии шаҳрвандии мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ ва ҳарбӣ низ татбиқ карда мешавад.

## 2.САТҲИ ТАЛАБОТИ ТАХАССУСӢ БАРОИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

7. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи олӣ:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;

-10 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 8 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи якум;

-донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;

-малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

8. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи якум:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;

-8 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 7 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм;

-донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;

-малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

9. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи дуюм:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;

-7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи сеюм;

-донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;

-малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

10. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи сеюм:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;

-6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 5 сол собиқаи хизмати давлатӣ;

-донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;

-малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

11. Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи чорум:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;

-4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ;

-донишҳои касбӣ, қобилият ва малакаи роҳбарӣ, ташкилотчигӣ, ташаббускорӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-одобу ахлоқи шоиста, ҳисси баланди эҳтиром нисбат ба инсон, шаҳрвандон ва ҳамкорон;

-малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

12.Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи панҷум:

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;

-3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ (барои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ);

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

-2 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 1 сол собиқаи хизмати давлатӣ (барои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ);

13.Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум

-таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;

-1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ (барои мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ);

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-малакаи хуби муоширaт, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

Эзоҳ: Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи шашум дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ собиқаи умумии меҳнатӣ ва собиқаи хизмати давлатӣ муқаррар карда намешавад.

14.Барои ишғолкунандагони мансабҳои маъмурии категорияи ҳафтум:

-таҳсилоти олӣ, олии нопурра ё миёнаи касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;

-донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва забонҳои хориҷӣ;

-малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;

-малакаи кор бо компютер ва дигар технологияҳои иттилоотӣ.

Эзоҳ: Дорои таҳсилоти олии нопурраи касби шаҳрвандоне эътироф карда мешаванд, ки курси (соли) дуюми муассисаи таҳсилоти олии касбиро хатм намудаанд.

## 3.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

15.Ҳангоми таҳия ва тасдиқи дастурамалҳои мансабии хизматчиёни давлатии дахлдор талаботи тахассусӣ нисбат ба таҳсилот ва ихтисос, сатҳи кор бо компютер ва барномаҳои дахлдор мушахаас нишон дода мешаванд.

16.Роҳбарони мақомоти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои иҷрои муқаррароти Дастурамали мазкур масъул буда, дар ҳолати риоя накардани талаботи он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.



Ҷ Фонлееғох
08.11.23

Асосноккунии
лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастурамали сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Лоиҳаи фармоиши Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Дастурамали сатҳи талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мувофиқи моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷиҳати иҷрои талаботи сархати сенздаҳуми моддаи 1, сархати понздаҳуми қисми 2 модаи 8, қисми 4 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» бо мақсади таъмини мувофиқат ба мансабҳои давлатии хизмати давлатии маъмурӣ ҳангоми қабул ба хизмати давлатӣ, таъин ба мансабҳои дигар (пасттар, баробар ва баландтар)-и хизмати давлатӣ дар таҳрири нав таҳия карда шудааст.

Мақсади таҳияи лоиҳаи мазкур такмили Дастурамали талаботи тахассусӣ барои хизматчиёни давлатии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармоиши Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 2011, №153 тасдиқ карда шуда, аз 26 сентябри соли 2011, №436 «а» дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, тақвияти раванди интихоби кадрҳои соҳаи хизмати давлатӣ ба мансабҳои хизмати давлатии маъмурӣ мебошад.

Дар лоиҳа номи Дастурамали мазкур мушаххас гардонида шуда, тибқи талаботи сархати понздаҳуми қисми 2 модаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» сатҳи талаботи тахассусӣ барои категорияҳои мансабҳо муқаррар карда шуда, мазмуни талаботҳои тахассусӣ мушаххас гардонида шуда, талаботи тахассусии нав-донистани забонҳои хориҷӣ (талаботи банди 58 Нақша чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 декабри соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зикр гардидаанд, ки бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, №АП-144 тасдиқ карда шудааст) илова карда шуда, дараҷаи таҳсилот барои ишғолкунандагони мансабҳои ҳафтум дақиқ нишон дода шуда, барои дар дастурамалҳои мансабӣ мушаххас нишон додани намуди ихтисос ва сатҳи кор бо компютер меъёр пешбинӣ карда шудааст.

Дар робита ба ин тибқи талаботи қисми 1 моддаи 56 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» лоиҳа дар таҳрири нав пешниҳод карда мешавад.

Лоиҳаи мазкур аз 10 октябри соли 2023, №04-1821 бо воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва сохторҳои маҳаллии Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда шуда, таклифҳои пешниҳодшуда ба инобат гирифта шуда, мувофиқи хулосаи арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии Агентии хизмати давлатии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар лоиҳа омилҳои коррупсионӣ ошкор карда нашудааст.

Татбиқи лоиҳаи мазкур маблағгузории иловагии буҷетиро талаб намекунад.

Лоиҳаи мазкур мувофиқи қисми 5 моддаи 62 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» барои баррасии вазорату идораҳо пешниҳод карда мешавад.

Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Замима
ба мактуби Агентии хизмати давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «8» ноябри соли 2023, №04-2037

**Рӯйхати**
**кӯтоҳи мақомоти давлатӣ**

| *Р/т* | *Номгӯйи мақомоти давлатӣ* | *Эзоҳ* |
|---|---|---|
| | **Мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ** | |
| | **Мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** | |
| 1 | Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон | |
| 2 | Палатаи ҳисоб | |
| | ***Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 3 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (дар қисми хизмати давлатии шаҳрвандӣ) | |
| | ***Вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 4 | Вазорати адлия | |
| 5 | Вазорати маориф ва илм | |
| 6 | Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ | |
| 7 | Вазорати молия | |
| 8 | Вазорати мудофиа (дар қисми хизмати давлатии шаҳрвандӣ) | |
| 9 | Вазорати рушди иқтисод ва савдо | |
| | ***Кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 10 | Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ | |
| 11 | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | |
| | ***Идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон*** | |
| 12 | Кумитаи андоз | |
| 13 | Кумитаи забон ва истилоҳот | |
| 14 | Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа | |
| 15 | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо | |
| 16 | Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ | |
| | **Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии** | |
| | **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | |
| 17 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ | |
| | **Вилояти Суғд** | |
| 18 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | |
| | **Вилояти Хатлон** | |
| 19 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | |
| 20 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб | |
| | **Шаҳри Душанбе** | |
| 21 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | |
| | **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриявӣ** | |
| 22 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | |

| | | |
|---|---|---|
| 23 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода | |
| 24 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ | |
| 25 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Файзобод | |
| 26 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт | |

**Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**